**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадиилмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Дар қисмати муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи тадқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, иртиботи кор бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии кор, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарҷгардида, дар бораи саҳми шахсии унвонҷӯ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсионӣ маълумот дода шудааст.

Таҳқиқи фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвари азизамон бисёр муҳиму мубрам пиндошта мешавад. Муаллиф мубрамияти мазӯи тадқиқотиро дар қисмати аввали автореферат хеле хуб арзёбӣ кардааст. Дар даврони ҷаҳонишавии муосир, ки бархурди тамаддуну фарҳангҳо мушоҳида мешавад, зарурати таҳкими ҳувияти миллӣ пеш омадааст. Аз ин рӯ, андешаҳо ва ғояҳои иҷтимоӣ-фалсафии мутафаккирони тоҷику форс, бахусус таълимоти ҳувиятсози Абулқосим Фирдавсӣ, бояд ба таври дақиқ омӯхта шаванд. Зеро андешаҳо ва ғояҳои тақвиятбахши ҳувияти миллӣ дар даврони муосир барои назарияи рушди иҷтимоии ҷамъият имкон фароҳам меоранд ва дар ин замина камбудиҳои дар ҷомеа ҷойдошта бартараф мешаванд. (с. 3).

Азизов К.Ҷ. дар автореферати худ тавонистааст заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба сулҳу амонӣ, ифтихори миллӣ, давлату давлатдориро ошкор созад, афкори иҷтимоиву фалсафии Фирдавсиро оид ба сулҳу амният, роҳу воситаҳои таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ки дар «Шоҳнома» фаровон ба назар мерасанд, таҳлил намояд. Муҳаққиқ ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ дар афкори Фирдавсиро амиқ таҳлилу баррасӣ намуда, нақш ва мақоми афкори иҷтимоиву фалсафии ӯро дар даврони муосир дуруст нишон додааст.

Ба андешаи Азизов К.Ҷ. мафҳуми «давлатдорӣ» аҳаммияти бузурги илмӣ-назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Омӯзиши давлатдорӣ шарти ҳатмӣ ва зарурии нигоҳ доштан ва мукаммал намудани давлатдории муосир ба ҳисоб рафта, масъалаи давлатдорӣ – проблемаи нави назариявӣ барои доираҳои илмӣ ба ҳисоб меравад (с. 10).

Омӯзиши давлатдорӣ, асосҳо ва моҳияти он на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти бузурги амалиро доро мебошад, зеро он метавонад дар самтгирию муайяннамоии принсипҳо ва чорабиниҳои бунёди давлатдорӣ хизмат намояд. (с. 11).

Муаллиф дар автореферат ба ин назар аст, ки андешаҳо ва ғояҳои ватандӯстию ватандории Фирдавсӣ барои наслҳои мутааддиди имрӯзу ояндаи

миллати мо дарси ибрат шуда метавонанд ва моро бори дигар ҳушдор месозанд, ки зиракии сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ифтихор доштан аз фарҳангу маданияти ниёгон, ҳифз намудани якпорчагии сарзамин ва устувор нигоҳ доштани пояҳои давлатдориро мо ҳеҷ гоҳ набояд аз ёд барорем. Чунки дар даврони ҷаҳонишавии муосир падидаҳои гуногуни сиёсии дар ҷаҳон ҷойдошта аз он дарак медиҳанд, ки ифтихори миллӣ ва пойдории давлат аз ҳар як фарди ҷомеа сахт вобастагӣ дорад. (с. 17)

Автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва мӯҳтавои ҳар як масъалаи матраҳ гардида, дар сатҳи баланди илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хосси муаллиф равшан мушоҳида мешавад.

Аз автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусияти ҷиддии илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои таҳқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос мекунанд.

Сарфи назар аз дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар шарҳу тавсифи мавзӯъҳои матраҳгардидаи автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд. Аммо бе ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти илмии рисоларо кам намекунанд. Аз ҳама муҳимаш ин, ки дар автореферат ҳадафи таҳқиқот дуруст муайян шуда, муаллиф ба натиҷаҳои таҳқиқоти худ ноил гардидааст.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**ходими калони илмии**
**Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**Академияи миллии илмҳои**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири**
**редаксияи фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи Сарредаксияи Энсиклопедияи**
**Миллии Ҷумҳурии Тоҷикиситон** **У. Н. Камолов**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қарабоев тел: 98-703-99-80
Имзои н.и.ф., Камолов У.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори ШК-и СЭМҶТ С. Холиқова